*УДК 930*
*DOI 10.24412/3005-849X-2025-3-31-38*

***РОЧЕЪ БА САҲМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ ДАР НАШРУ ПАҲН НАМУДАНИ «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ***

***Ғаффорӣ Нӯъмонҷон Усмонзода,***
*д.и.т., профессор, мудири кафедраи муносибатҳои байналхалқии ДДҲБСТ (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

***О ВКЛАДЕ АКАДЕМИКА БОБОДЖОНА ГАФУРОВА В ПУБЛИКАЦИЮ И РАСПРОСТРАНЕНИИ ПОЭМЫ «ШАХНАМЕ» ФИРДОУСИ***

***Гаффори Нуъмонджон Усмонзода,***
*д-р истор. наук, профессор, заведующий кафедрой международных отношений ТГУПБП (Худжанд, Таджикистан)*

***ON THE CONTRIBUTION OF ACADEMICIAN BOBOJON GAFUROV IN THE PUBLICATION AND DISTRIBUTION OF THE POEM «SHAH-NAME» BY FIRDAWSI***

***Gaffori Numonjon Usmonzoda,***
*doctor of History, professor, head of the department of international relations under the TSULBP (Khujand, Tajikistan)*
***e-mail:*** *numonjon_gaffori@mail.ru*

*Нақш ва мақоми академик Бобоҷон Ғафуров дар омӯзишу таҳқиқ ва тарғибу ташвиқи шоҳасари муҳташами ҷаҳонӣ – «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, ки барои миллати мо намунаи барҷастаи қаҳрамонию ҷавонмардӣ, миллатдӯстию ватанпарварӣ ва хирадгароӣ аст, инъикос ёфтааст. Дар такя ба сарчашмаҳои муътамад таваҷҷуҳ ва муҳаббати аллома Б. Ғафуров нисбати Фирдавсӣ таъкид гардида, хизмати ӯ дар нашру паҳн намудани достонҳои «Шоҳнома» дар Тоҷикистон дар солҳои 30-50-уми асри XX ҳангоми дар вазифаҳои пурмасъулияти давлатию ҳизбӣ фаъолият намуданаш нишон додааст. Зикр гардидааст, ки Бобоҷон Ғафуров махсусан ҳангоми директори Институти шарқшиносии Академияи илмҳои ИҶШС (солҳои 1956-1977) будан ба масъалаи нашри пурраи «Шоҳнома» диққати бағоят калон додааст, ки 9-ҷилдаи ин асари безавол дар Москва ва Душанбе маҳз бо ташаббус ва роҳбарии бевоситаи ин фарзанди фарзонаи миллат интишор ёфта буд. Таъкид шудааст, ки академик Бобоҷон Ғафуров дар асарҳои бунёдии хеш, махсусан «Тоҷикон» (1972) Абулқосим Фирдавсиро бузургтарин шоири форсу тоҷик дониста, «Шоҳнома»-и ӯро аз ҷиҳати арзиши бадеии худ дар радифи барҷастатарин асарҳои ҳамосии адабиёти ҷаҳон қарор додааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Абулқосим Фирдавсӣ, «Шоҳнома», академик Бобоҷон Ғафуров, ҳамосаи миллӣ, достони қаҳрамонӣ, андешаи ватандӯстӣ, худшиносӣ, ҳувият, ифтихори миллӣ*

*Отражены роль и статус академика Бободжона Гафурова в изучении, исследовании и популяризации великого мирового шедевра – произведения «Шахнаме» Абулкасима Фирдоуси, являющегося ярким примером героизма, благородства, доблести, национального самопознания, патриотизма и мудрости нашего народа. Основываясь на достоверных источниках, подчеркиваются внимание и любовь ученого Б. Гафурова к Фирдоуси, а также освещаются его заслуги в издании и распространении «Шахнаме» в Таджикистане в 30–50-е годы XX века, когда он занимал ответственные государственные и партийные должности. Подчеркивается, что Бободжон Гафуров, особенно в период пребывания на посту директора Института востоковедения АН СССР (1956–1977), уделял большое внимание публикации полного текста «Шахнаме», и девятитомное издание этого гениального произведения было осуществлено в Москве и Душанбе по инициативе и под непосредственным руководством этого выдающегося сына таджикского народа. Отмечается, что в фундаментальных трудах, особенно в «Таджиках» (1972), академик*

*Бободжон Гафуров назвал Абулкасима Фирдоуси величайшим персидским и таджикским поэтом, а его «Шахнаме» по художественной ценности ставил в один ряд с выдающимися произведениями эпической поэзии мировой литературы.*

***Ключевые слова:*** *Абулкасим Фирдоуси, «Шахнаме», академик Бободжон Гафуров, национальное чувство, героическое сказание, патриотическая мысль, самопознание, идентичность, национальная гордость*

*The article reflects the role and status of academician Bobojon Gafurov in the study, research, and popularization of the great world masterpiece, the Shah-name by Abulqasim Firdausi, which is a shining example of heroism, nobility, valor, national self-knowledge, patriotism, and wisdom for our nations. Based on reliable sources, the attention and love of the scholar B. Gafurov to Firdausi is emphasized, and his achievements in the publication and distribution of the Shahnameh in Tajikistan in the 1930s–50s, when he held responsible government and party positions, are also highlighted. It is emphasized that Bobojon Gafurov, especially during his tenure as director of the Institute of Oriental Studies of the USSR Academy of Sciences (1956–1977), paid great attention to the issue of publishing the full text of the Shahnameh, and the nine-volume edition of this brilliant work was carried out in Moscow and Dushanbe precisely on the initiative and direct leadership of this outstanding son of Tajik nation. It is noted that in his fundamental works, especially in "Tajiks" (1972), Academician Bobojon Gafurov called Abulkasim Firdausi the greatest Persian and Tajik poet, and placed his "Shahnameh" in terms of artistic value on a par with the outstanding works of epic poetry of world literature.*

***Key-words:*** *Abulkasim Firdawsi, «Shah-name», academician Bobojon Gafurov, national feeling, heroic tale, patriotic thought, self-knowledge, identity, national pride*

«Шоҳнома»-и безаволи Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ (934-1020) осори гаронбаҳои миллӣ аст, ки ба мардумони эронинажод, хосатан халқу миллати тоҷик ҷиҳати эҷоди андешаи ватандӯстӣ, парвариши руҳи хештаншиносию меҳанпарастӣ, ташаккули эҳсоси баланди ҳувият ва ифтихори миллӣ хидмати бедареғ менамояд. Воқеан, номи Фирдавсӣ ҷовидона буда, «Шоҳнома»-и ӯ ганҷинаи бузурги хазинаи фарҳанги ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, ташаббуси навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҳадяи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар ҳаҷми ду ҷилд бо теъдоди 1700000 нусха ба ҳар хонаводаи сокини кишвар иқдоми наҷибу беназирест, ки барои боз ҳам баланд бардоштани худшиносии мардум мусоидат хоҳад кард.

Ҳамзамон нақши «Шоҳнома» дар таҳкиму густариши забону адабиёт, таърих ва илму фарҳанги тоҷик муассир буда, боиси таълиф шудани даҳҳо китобҳо, садҳо мақолаҳо ва шеъру достонҳо гардидаанд. Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров (1908-1977) аз зумраи он нафароне маҳсуб меёбад, ки бо як муҳаббати оташин ба «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ рӯ меовард ва аз ҳама бештар дар тарғибу ташвиқи он саҳм мегузошт.

Хизмати Бобоҷон Ғафуров дар нашру паҳн намудани достонҳои «Шоҳнома» дар Тоҷикистон калон аст. Вақте ки ба муносибати 1000-солагии зодрӯзи Абулқосим Фирдавсӣ аз ҷониби олими ховаршинос Александр Николаевич Болдирев маҷмуаи достонҳои мунтахаби «Шоҳнома» мураттаб мегардаду соли 1936 таҳти назари Евгений Эдуардович Бертелс ба нашр омода мешавад, аммо бо сабабҳои номаълум чопи он ба таъхир меафтад. Он вақт бахусус мудири шуъбаи матбуоту нашриёти КМ ҲК(б) Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров мехост, ки ин китоби оламшумул ҳарчӣ зудтар дастраси хонандагони сершумори халқаш гардад. Хушбахтона, бо қарори Бюрои КМ ҲК(б) Тоҷикистон бригадаи махсусе бо сарварии Б. Ғафуров моҳи октябри соли 1938 ба шаҳри Ленинград (имрӯза Санкт-Петербург), ки он ҷо китобҳои тоҷикӣ табъу нашр мешуд, фиристода шуд. Сипас,

«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ моҳи сентябри соли 1938 ба теъдоди 5000 нусха бо ҳуруфи лотинӣ аз чоп мебарояд, ки дар он саҳми Б.Ғафуров калон буд. [18]

Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) Б. Ғафуров ҳангоми дар вазифаи пурмасъулияти котиби КМ ҲК Тоҷикистон фаъолият намуданаш корҳои зиёди ташвиқотӣ-тарғиботиро бурда, ҳамчун олими таърихшинос (чанде пеш моҳи апрели соли 1941 рисолаи номзадӣ дифоъ карда буд) асарҳои ҳарбию ватандӯстона эҷод намуд. Соли 1944 таҳқиқоти ниҳоят ҷиддии Бобоҷон Ғафуров дар замони ҷанг бо ҳаммуаллифии Николай Прохоров «Халқи тоҷик дар мубориза барои озодӣ ва истиқлолияти Ватани худ» («Таджикский народ в борьбе за свободу и независимость своей Родины») ба забони русӣ ба табъ расид, ки бо ҳисси ниҳоят баланди ватандӯстию нафрат ба душман навишта шудааст ва ду қисмати он – «Героические традиции таджикского народа в эписеском творчестве. Кузнец Кова» («Анъанаҳои қаҳрамонии халқи тоҷик дар достонҳо. Коваи оҳангар») ва «Героические традиции таджиков в цикле легенд о Рустеме, сыне Заля» («Анъанаҳои қаҳрамонии тоҷикон дар силсиладостонҳои ривоятии Рустам, писари Зол») дар асоси «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ тартиб дода шуда буданд. [4, с. 15-29] Ногуфта намонад, ки ин китоби Б. Ғафуров ва Н. Прохоров танҳо соли 2012 бо забони тоҷикӣ таҳти унвони «Тоҷикон ва талошҳои таърихии онҳо барои озодии Ватан (Очеркҳо аз таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон)» [6] чоп шуд. Ин ҷо ба маврид аст, ки хулосаи бардоштаи муаллифонро аз ин ду қисмати нашри тоҷикии китоб оварем: «Симои Коваи оҳангар миёни оммаи васеи халқ, чун пайкараи нотакрор падид омада, таҷассумгари таҷрибаи дуруст фаҳмидаи муборизаю пайкори халқ бо қатор-қатор истилогароне чун Заҳҳок буда, таъкид медорад, ки маҳз ҷунбиши оммаи васеи халқ таконди ҳандаи ҳамон табадуллоте буд, ки дар натиҷаи он ҳукумати ғоратгаронаи одамони Заҳҳок барҳам хӯрд… Корномаҳои Рустам барои тоҷикон ҳамеша намунаи ибрати хидмати фидокорона баҳри Ватан будааст. Симои Рустам имрӯз ҳам онҳоро баҳри муборизаи беамони зидди барбарони фашистӣ илҳому боварӣ мебахшад» [6, с. 25, 37].

Дар таҳқиқоти ниҳоят бунёдии Б.Ғафуров «Таърихи мухтасари халқи тоҷик», ки соли 1947 ба забони тоҷикӣ дар Сталинобод (имрӯза Душанбе) ба табъ расиду тарҷумаи русии он се маротиба солҳои 1949, 1952 ва 1955 дар Москва интишор ёфт, Абулқосим Фирдавсиро «аз пешқадамтарин шоирони давраи сомониён» дониста, «Шоҳнома»-и ӯро «асари ҷовидонаи ҷаҳонӣ» номидааст. [7, с. 150].

Бобоҷон Ғафуров хосатан ҳангоми директори Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии Академияи илмҳои ИҶШС (солҳои 1956-1977) будан ба масъалаи нашри пурраи «Шоҳнома» диққат медиҳад. Маҳз бо иштирок ва ташаббуси шахсии ӯ интишори матни интиқодии ин асари ҷаҳоншумул аз ҷониби ховаршиносони Москва ва Ленинград (Санкт-Петербурги ҳозира) дарозои солҳои 1960-1971 дар «Силсилаи осори адабии милали Ховар» [11] дар 9 ҷилд бо алифбои форсии тоҷикӣ ба табъ мерасад. Ба ғайр аз он соли 1964 нашриёти «Художественная литература»-и Москва «Шоҳнома»-и Фирдавсиро иборат аз ду ҷилд дар зери таҳрири Бобоҷон Ғафуров нашр намуд. Ҳамзамон 9-ҷилдаи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар зарфи солҳои 1964-1966 аз ҷониби гурӯҳи махсуси олимони Академияи илмҳои ҷумҳурӣ дар нашриёти «Ирфон» ба табъ расонда шуд. Интишори комили ин шоҳасари Фирдавсӣ дар шоҳномашиносии ҷаҳонӣ як марҳилаи нави матншиносиро дар роҳи омӯзиш, таҳқиқ ва шинохти ин осори бузурги умумиҷаҳонӣ боз намуд. Ногуфта намонад, ки 9-ҷилдаи шоҳасари безаволи Фирдавсӣ дар солҳои 1987-1991 дар нашриёти «Адиб» бо ислоҳи саҳву ғалатҳои нашри аввали он низ чоп шуда, дастраси хонандагони бешумори тоҷик гардид. [10]

Пас аз он, ки нашри 9-ҷилдаи «Шоҳнома» дар Москва ва Душанбе интишор ёфт, бо ташаббус ва роҳбарии бевоситаи академик Бобоҷон Ғафуров Институти шарқшиносии АИ ИҶШС дар ҳамкорӣ бо Китобхонаи паҳлавии Эрон нашри мукаммали матни интиқодии

«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аз тарафи матншиносони маъруфи шӯравӣ Рустам Алиев ва Муҳаммаднурӣ Усмонов (Османов) соли 1971 ба роҳ монда шуд [12; 13]. Ин ҷо бояд қайд кард, ки мутаассифона танҳо ду ҷилди аввал интишор гардиду халос. [9, с. 135]

Академик Бобоҷон Ғафуров дар шоҳасари безаволи хеш «Тоҷикон», ки бори нахуст соли 1972 дар Москва ба забони русӣ ба табъ расиду баъдан чандин маротиба ба забони тоҷикӣ нашр гардид, дар боби дуюми он ҳангоми баррасии мавзуи анҷоми раванди ташаккули халқияти тоҷик дар қисмати «Илм ва адабиёти халқи тоҷик (асрҳои IX-X)» Абулқосим Фирдавсиро бузургтарин шоири он замон донистa, «Шоҳнома»-и ӯро аз ҷиҳати арзиши бадеии худ дар радифи барҷастатарин асарҳои ҳамосии адабиёти ҷаҳон қарор додааст. Фирдавсӣ, ки ба эҷоди ин асар беҳтарин айёми умри худро сарф карда буд, «дар асоси нишон додани гузаштаи пур аз қаҳрамонии халқ бедор намудани ҳисси ватандӯстии онро вазифаи асосии достони худ медонист» [8, с. 432].

Аз навиштаи Б.Ғафуров маълум мешавад, ки Фирдавсӣ ба ғайр аз забони модарии хеш – дарию тоҷикӣ инчунин донандаи хуби забони арабӣ ва паҳлавӣ, яъне форсии миёна низ будааст ва дар вақти навиштани «Шоҳнома» аз тамоми асарҳои мавҷудаи гуногунзабон истифода намудааст. «Фирдавсӣ, – қайд менамояд Б.Ғафуров, – дар синни 35-солагӣ, пас аз он ки ба Бухоро ва дигар ҷойҳо сафар карда, бар иловаи «Шоҳномаи Абӯмансурӣ» дар бораи гузаштаи халқҳои Эрон маълумоти муфассал ҷамъ овард, ба танзими ҳамосаи худ «Шоҳнома» шурӯъ намуд. Дар ин вақт  Сомониён ҳанӯз дар авҷи иқтидори худ буд» [8, с. 432].

Академик Б.Ғафуров махсус зикр менамояд, ки «Фирдавсӣ асари худро дар асоси ғояи муборизаи қувваҳои нек ва бад, ки ибтидои худро аз ривоятҳои қадимаи эрониён мегиранд, тартиб додааст. Дар тамоми ҷараёни воқеаҳои ин асар («Шоҳнома» - Н.Ғ.) халқҳои эронӣ ҳамчун тарафдори қувваи нек бар зидди қувваи бад – истилогарони хориҷӣ мубориза мебаранд. Шоир дар қисми афсонавии достон дар шахси шоҳи морон Заҳҳок зулми золимони аҷнабиро тасвир намуда, дар натиҷаи муборизаи ґаҳрамононаи Коваи Оҳангар ва халқи бо даъвати ӯ шӯришбардошта барбод рафтани ин зулму истибдодро моҳирона нишон додааст» [8, с. 432-433].

Ба андешаи Б. Ғафуров шоири ватанпарасту истиқлолхоҳ Фирдавсӣ дар симои қаҳрамонони достон, махсусан Рустами достон размми фидокоронаю муборизаи диловаронаи мардумро дар роҳи истиқлолияти марзу буми хеш тасвир менамояд. Дар ин бобат аллома Б. Ғафуров зикр менамояд, ки «шоири бузург онҳоро бо беҳтарин сифатҳои инсонӣ – ҷавонмардӣ ва олиҳимматӣ ороста, тасвир менамояд. Фирдавсӣ дар бобати фаҳмидани моҳияти неҳзати маздакия аз тамоми ҳамасрони худ пеш гузаштааст. Ӯ ба маздакиён бо назари нек нигариста, онҳоро «гурусна ва азияткашида» меномад» [8, с. 433].

Академик Б. Ғафуров дар «Тоҷикон»-и хеш қайд менамояд, ки «шоир вазифаи ба зимма гирифтаи худро дар овони пирӣ, пас аз заҳмати муттасили чандинсола дар соли 994 анҷом дод ва аз 100 ҳазор мисраъ ҳам зиёдтар як асари ҷовидонаи оламшумулро ба дунё овард. Вале аз рӯзе, ки Фирдавсӣ ба таълиф намудани ин асар камар баста буд, хеле вақт гузашт. Дар ин муддат давлати сомонӣ аз по афтода, аз ҳомиёни шоир касе намонда буд. Он гоҳ Фирдавсӣ аз рӯи маслиҳати яке аз одамони хайрандеш «Шоҳнома»-ро ба султон Маҳмуди Ғазнавӣ, ки ба сари ҳокимият омада буд, тақдим намуд. Лекин Маҳмуд ин тӯҳфаи шоиронаро рад кард ва чунон ки нақл мекунанд, ҳатто шоирро аз сабаби тасвир намудани қаҳрамонон ва подшоҳони пеш аз ислом ба кофирӣ айбдор намуда, бифармуд, ки ба зери пои шутур партоянд. Намояндаи сулолаи нави ба ҷои Сомониён омадаи турк Султон Маҳмуди Ғазнавӣ табиист, ки дар достон, қабл аз ҳама, хавфи сиёсӣ дарёфт, зеро дар ин ҳамоса муборизаи аҷдоди халқи тоҷик бар зидди Тӯрониён, ки дар аҳди ӯ ҳамчун аҷдоди қавми турк ҳисоб меёфтанд, ситоиш карда мешуд. Ғайр аз ин, Султон Маҳмуд, ки роҳи ба

даст овардани пуштибонии хило-фати араб ва рӯҳониёни мусулмонро меҷуст, ба муқобили васфи анъанаҳои қадимаи тоисломӣ дар «Шоҳнома» ва рӯҳияи зиддиарабии он бархост. Вале муҳимтарин сабаби муносибати манфии Маҳмуд нисбат ба «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ иборат аз ин буд: Маҳмуд, ки фурӯ нишондани ҳаракатҳои халқро асли мақсади худ қарор дода буд, наметавонист асари моҳиятан халқии шоири гениалиро тақдир намояд» [8, с. 433].

Маълум аст, ки поёни умри Фирдавсӣ дар оворагардӣ, қашшоқӣ ва маҳрумиятҳо гузаштааст. «Шоири бузург, – менависад Б.Ғафуров, – бақияи умри худро дар қашшоқӣ ва маҳрумиятҳо ба сар бурда, соли 1020 (аз рӯи дигар мадракҳо – соли 1025) дар Тӯс вафот кард. Рӯҳониёни ислом, ки Фирдавсиро кофир мехонданд, ба қабристони мусулмонон дафн кардани ӯро манъ намуданд. Ҷасади шоир дар боғи худи ӯ ба хок супурда шуд» [8, с. 433-434].

Бобоҷон Ғафуров дар асари бунёдии «Тоҷикон» андешаҳои худро перомуни Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ ба таври зайл ҷамъбаст менамояд: «Номи Фирдавсӣ ҷовид бимонд. Суханони хитобан ба Маҳмуди Ғазнавӣ гуфтаи ӯ ҳақ бароmаданд:

***Биноҳои обод гардад хароб***
***Зи борону аз тобиши офтоб.***
***Пай афгандам аз назм кохе баланд,***
***Ки аз боду борон наёбад газанд.***
***Бад-ин нома гар умрҳо бигзарад,***
***Бихонад ҳар он кас, ки дорад хирад» [8, с. 434].***

Арзишмандии китоби «Тоҷикон»-ро бо дигар таҳқиқоти академик Бобоҷон Ғафуров перомуни Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ ҷои қиёс нест, дар ҳама ҳолат бартарии ин шоҳасар эҳсос мешавад, вале наметавон аз таълифоти «Фирдавсӣ – шараф ва ифтихори фарҳанги ҷаҳонӣ» («Фирдоуси – слава и гордость мировой культуры») сарфи назар намуд, зеро ин мақолаи олим аҳаммияти баланди илмӣ дошта, дар сатҳи байналмилалӣ эътироф шудааст. Дар мақолаи мазкур, ки ҳамчун муқаддимаи якҷилдаи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ соли 1972 дар нашриёти «Художественная литература»-и Москва ба табъ расид, муаллиф «Шоҳнома»-и Фирдавсиро дар қатори бузургтарин осори адабиёти ҷаҳонӣ – «Маҳабхарата» ва «Рамаяна», «Илиада» ва «Одиссея»-и Ҳомер, «Мазҳакаи илоҳӣ»-и Данте ва фоҷиаҳои Шекспир гузоштааст. Аллома Б. Ғафуров назми ин сароядаи ҳамосаи Ватанро ба як дарёи сероб ва мавҷхезе ташбеҳ медиҳад ва хотиррасон менамояд, ки мо ҳанӯз аз қаъри он ба таври бояду шояд огоҳӣ наёфтаем ва эътибору азамати Фирдавсӣ танҳо бо суханварии ӯ маҳдуд намемонад, зеро «Шоҳнома» қомуси ҳаёти аҷдодии мост. [5, с. 5-6]

Фирдавсӣ дар достонҳои «Шоҳнома» дар бораи қаҳрамониҳои пешини халқаш нақл намуда, кушиш кардааст, ки ҳиссиёти ватандӯстии ононро баланд бардорад. Вай дар асараш достонҳои қаҳрамонии халқҳои Суғд, сакоиҳо, хоразмиён, бохтариён, аз он ҷумла қиссаҳо дар бораи Рустам, Сиёвуш, Исфандиёр, Кова, Маздак ва амсоли онро хле моҳиронаю барҷаста истифода намудааст. Ба андешаи Бобоҷон Ғафуров «Шоҳнома»-и Фирдавсиро ба се қисмат ҷудо намудан мумкин аст: 1) асотирӣ (то зуҳури паҳлавонони сиистонӣ); 2) қаҳрамонӣ (то Искандар); 3) таърихӣ. [5, с. 10]

Дар мақолаи мазкур муаллиф таъкид месозад, ки «Фирдавсӣ шаъну шараф ва ифтихори тамоми маданияти ҷаҳонӣ ба ҳамаи халқу миллатҳо азизу қарин аст. «Шоҳнома»-и вай қомуси ҳаёти аҷдодони мост. То дунё ҳаст, «Шоҳнома»-ро мехонанд ва васф мекунанд» [5, с. 17-18].

Ин ҷо бояд ёдрас шуд, ки мақолаи мавриди назар пас аз вафоти академик Бобоҷон Ғафуров низ, махсусан солҳои 80-уми асри XX ҳангоми чопи китобҳои ҷудогонаи достонҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба сифати пешгуфтор дар нашриётҳои бонуфузи умумиттифоқӣ [2; 3; 14], ҳамчунин дар асарҳои мунтахаби Б.Ғ. Ғафуров, ки соли 1985 дар нашриёти «Наука»-и Москва дар як ҷилд ба табъ расид, чоп гардид [1, с. 482-494].

Соли 1974 дар нашрияҳои Эрон якчанд мусоҳиба ва суҳбатҳои академик Бобоҷон Ғафуров ба табъ расиданд, ки дар мавриди «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ матолиби ҷаззоб доранд. Чунончи, дар мусоҳиба бо Сируси Алинажод дар нашрияи «Ояндагони адабӣ» аллома Б. Ғафуров чунин иброз намудааст: «На танҳо насли кунунӣ, балки наслҳои оянда бояд рӯи «Шоҳнома» кор кунанд. Ин китоби азимест, ки металабад наслҳои мутааддид рӯи он ба кори илмӣ бипардозанд ва барои ҳамаи замонҳо имкони кор рӯи «Шоҳнома» ҳаст» [17]. Ё худ дар мусоҳиба бо Ҷаводи Муҷобӣ гуфтааст: «Ман Фирдавсиро хеле дӯст дорам. Унвони китоб «Шоҳнома» аст, аммо ман онро «Шоҳкитоб» мехонам. Назири онро дар адабиёти ҷаҳон намешиносам. Институти мо ифтихор дорад, ки миллати шӯравиро бо «Шоҳнома» ошнотар кардааст. Чанде қабл «Шоҳнома» ба забони русӣ ва дар 200 ҳазор нусха чоп шуд ва як ҳафта нагузашт, ки ноёфт шуд» [17].

Адабиётшиноси номвар Расул Ҳодизода дар «Тадқиқ ва ҳамкорӣ» ном мақолаи худ, ки соли 1975 дар маҷаллаи «Садои Шарқ» ба табъ расида буд, таассуроти сафари Эронро ба ёд оварда, аз ҷумла оид ба саҳми аллома Бобоҷон Ғафуров дар тарғиби осори Фирдавсӣ қайд менамояд: «Дар яке аз шумораҳои охирини моҳномаи Вазорати фарҳанг ва ҳунари Эрон «Ҳунар ва мардум» мақолае ба унвони «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аз дидгоҳи Ғафуров» дарҷ гардида буд. Академик Б. Ғафуров дар мусоҳибаи худ бо ходими ин маҷалла аз корҳои илмию тадқиқотие, ки дар Иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон оид ба «Шоҳнома» анҷом мегардид, маълумоти мухтасаре додааст. Дар зимни ин суҳбат Бобоҷон Ғафуров аҳамияти бузурги таърихию иҷтимоии ин асарро махсусан таъкид карда, аз усул ва роҳи навине, ки олимони шуравӣ дар омӯхтани ин асар пеш гирифтаанд, ба аҳли илм ва хонандаи имрӯзаи Эрон хабар додааст. Баробари ҳамин Бобоҷон Ғафуров хотирнишон кардааст, ки таҳқиқи пурдомана ва ҳарҷонибаи ин асари оламшумул бо ҳамкории олимони мамлакатҳои гуногун ва махсусан бо ҳамкории олимони шуравию эронӣ боз пурсамартар ва пурбортар хоҳад шуд» [16, с. 46].

Муҳаққиқи рӯзгор ва осори илмии академик Бобоҷон Ғафуров муаррихи шинохта Усмонҷон Ғаффоров зикр менамояд, ки «Фирдавсӣ барои устод худованди назму султони сухан буда, «Шоҳнома»-и ӯ рамзи беҳамтои ватандӯстию қаҳрамонӣ, тараннумгари муҳаббату одамият ва ситоишкунандаи фарҳангу хирад маҳсуб меёфт. Бинобар ҳанӯз аз замони ин шоири шаҳир то имрӯз таваҷҷуҳи либи оламиён ба «Шоҳнома» заррае кам нашуда, ҳамвора беш мегардад. Чун масали ҷавҳарро ҷавҳарӣ донад, дар ҳамди Фирдавсиву ситоиши «Шоҳнома» танҳо ситорагони илму адаби ҳар давру замоне ҷуръат ба пардози сухан кардаанд» [9, с. 139].

Ё худ Сайдулло Ҳайдарӣ, муҳаққиқи осори публисистии Б.Ғафуров қайд менамояд, ки «ин донишманди мумтоз андешаи Фирдавсиро аз мероси ҷовидонаи башарӣ, ҳампояи бузургтарин шоҳкориҳои адабӣ ва фикрии ҷаҳон шумурдааст. Танҳо чунин шахсиятҳое, мисли Бобоҷон Ғафуров, ки замирашон аз далериву матонат, ҷавонмардию адолат ва қалбашон аз меҳри Ватан-модар саршор аст, ҷасорат ва қудрату тавони пажуҳиш ва таблиғи «Шоҳнома»-и Фирдавсиро доранд» [15, с. 13].

Воқеан, ба пиндори аллома Бобоҷон Ғафуров «Шоҳнома» ҳамосаи бузурги назмӣ буда, шоҳкитоби адабиёти тоҷику форс маҳсуб меёбад ва назири он дар адабиёти ҷаҳон нест. Дар он таърихи меҳани Фирдавсӣ бо ҳамаи дардҳо, шодиҳо, мусибатҳо, фоҷиаҳо, комёбиву нокомиҳояш аз ҷониби шоир хеле барҷаста тасвир гаштааст. Вай танҳо нақли манзуми ривоятҳои бостонӣ намебошад, вай саросар зебоӣ, панд ва ҳикмат аст, ҳикмате, ки халқҳои эроннажод бо мурури замонҳо андӯхтааст.

Ҳамин тариқ, мақоми Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров дар омӯзишу таҳқиқ ва тарғибу ташвиқи шоҳасари муҳташами ҷаҳонӣ – «Шоҳнома»-и Ҳаким Абулқосим

Фирдавсии Тӯсӣ, ки барои миллати мо намунаи барҷастаи қаҳрамонию ҷавонмардӣ, миллатдӯстию ватанпарварӣ ва хирадгарой аст, хеле назаррасу шоиста мебошад.

### *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Гафуров Б.Г. Избранные труды.- Москва: Наука, 1985.- 544 с.*
2. *Гафуров Б.Г. Предисловие // Фирдоуси. Шах-наме: Поэма.- Москва: Детская литература, 1982.- С. 3-10.*
3. *Гафуров Б.Г. Предисловие // Фирдоуси. Шах-наме. Сказание о Рустаме / Составитель К. Айни.- Москва: Художественная литература, 1980.- С. 5-12.*
4. *Гафуров Б.Г., Прохоров Н.Н. Таджикский народ в борьбе за свободу и независимость своей родины: Очерки из истории таджиков и Таджикистана.- Сталинабад: Таджикгосиздат, 1944.- 212 с.*
5. *Гафуров Б.Г. Фирдоуси – слава и гордость мировой культуры // Фирдоуси. Шах-наме: Перевод с фарси / Вступительная статья Б. Гафурова; Подготовка текста и примечания Н. Османова.- Москва: Художественная литература, 1972.- С. 5-18.*
6. *Ғафуров Б., Прохоров Н. Тоҷикон ва талошҳои таърихии онҳо барои озодии Ватан (Очеркҳо аз таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон), 1944.- Душанбе: Адиб, 2012.- 256 с.*
7. *Ғафуров Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик.- Ҷилди I.- Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1947.- 384 с.*
8. *Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав / Муҳаррири масъул А. Мухторов.- Душанбе: Нашриёти муосир, 2020.- 976 с.*
9. *Ғаффоров У. Алломаи замон: Аз рӯзгор ва корномаи илмии академик Бобоҷон Ғафуров.- Хуҷанд: Вароруд, 1998.- 376 с.*
10. *Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома: Иборат аз 9 ҷилд / Таҳияи К.Айнӣ, З.Аҳрорӣ, Б.Сирус.- Душанбе: Адиб, 1987-1991.*
11. *Фирдоуси. Шах-наме: Критический текст. - Серия: Памятники литературы народов Востока.- В 9-ти томах.- Москва, Издательство восточной литературы, 1960-1971.*
12. *Фирдоуси. Шах-наме: Критический текст.- Том I / Составители текста Р.М. Алиев и М.-Н.О. Османов.- Тегеран, 1971.- 282 с.*
13. *Фирдоуси. Шах-наме: Критический текст.- Том II / Составитель текста Н.О. Османов; Под редакции Б.Г. Гафурова.- Тегеран, 1973.- 288 с.*
14. *Фирдоуси. Шах-наме: Поэма / Автор предисловия Б. Гафуров.- Москва: Детская литература, 1985.- 734 с.*
15. *Ҳайдарӣ С. Нақши академик Б. Ғафуров дар таҳқиқи «Шоҳнома» // «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бузургтарин офаридаи бадеӣ дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ».- Душанбе-Теҳрон, 1994 .- С. 13-15.*
16. *Ҳодизода Р. Тадқиқ ва ҳамкорӣ // Садои Шарқ.- 1975.- № 7.- С42-51.*
17. *«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аз дидгоҳи Бобоҷон Ғафуров (Мусоҳибаи нодири аллома Бобоҷон Ғафуров дар Эрон, соли 1974) / Таҳияи Шоҳмансур Шоҳмирзо // https://merosikhatti.tj/tj/dobavit-statya/shokhnoma-i-firdavsi-az-didgokhi- -gafurov*
18. *Abulqosim Firdavsi. Shohnoma: Dostonhoi muntaxab.- Stalinobod-Leningrad: Nashriyoti davlatii Tojikiston, 1938.- 184 s.*


### *REFERENCES:*


1. *Gafurov B.G. Selected Works.- M.: Nauka, 1985.- 544 pp.*
2. *Gafurov B.G. Preface // Ferdawsi. Shah-name: Poem.- M.: Children's Literature, 1982.- PP. 3-10.*
3. *Gafurov B.G. Preface // Ferdawsi. Shah-name. The Tale of Rustam / Compiled by K. Aini.- M.: Fiction, 1980.- PP. 5-12.*

4. *Gafurov B.G., Prokhorov N.N. The Tajik People in the Struggle for Freedom and Independence of their Homeland: Essays on the history of Tajiks and Tajikistan.- Stalinabad: Tajikgosizdat, 1944.- 212 pp.*
5. *Gafurov B.G. Firdawsi – the Glory and Pride of World Culture // Firdawsi. Shah-name: Translation from Farsi / Introductory article by B. Gafurov; Preparation of the text and notes by N. Osmanov. - M.: Fiction, 1972. - PP. 5-18.*
6. *Gafurov B., Prokhorov N. Tajiks and their Historical Efforts for the Liberation of their Homeland (Essays from the history of Tajiks and Tajikistan), 1944. - Dushanbe: Adib, 2012. - 256 pp.*
7. *Gafurov B. A Brief History of the Tajik People.- Volume I.- Stalinabad: State Publishing House of Tajikistan, 1947.- 384 pp.*
8. *Gafurov B. Tajiks. The Oldest History, Ancient, Medieval and Modern / Editor-in-chief A. Mukhtorov.- Dushanbe: Modern Publishing House, 2020.- 976 pp.*
9. *Gafurov U. The Scientist of the Time: From the life and scientific work of academician Bobojon Gafurov.- Khujand: Varorud, 1998.- 376 pp.*
10. *Firdawsi Abulkhosim. Shah-name: Consisting of 9 volumes / Prepared by K. Aini, Z. Ahrori, B. Sirus.- Dushanbe: Adib, 1987-1991.*
11. *Firdawsi. Shah-name: Critical text.- Series: Monuments of Literature of the Peoples of the East.- In 9 volumes.- M.: Publishing House of Eastern Literature, 1960-1971.*
12. *Firdawsi. Shah-name: Critical text.- Volume I / Authors of the text R.M. Aliyev and M.-N.O. Osmanov.- Tehran, 1971.- 282 p.*
13. *Firdawsi. Shah-name: Critical text.- Volume II / Author of the text N.O. Osmanov; Edited by B.G. Gafurov.- Tehran, 1973.- 288 pp.*
14. *Firdawsi. Shah-name: Poem / Author of the preface B. Gafurov. - M.: Children's literature, 1985. - 734 pp.*
15. *Haydari S. The Role of academician B. Gafurov in the Study of "Shah-name" // "Shah-name" by 12. Firdawsi is the greatest artistic creation in the history of world civilization. - Dushanbe-Tehran. 1994. - PP. 13-15.*
16. *Hodizoda R. Research and collaboration // Sadoi Sharq.- 1975.- No. 7.- PP.42-51.*
17. *Firdawsi's "Shah-name" from the perspective of Bobojon Gafurov (A rare interview with scholar Bobojon Gafurov in Iran, 1974) / Prepared by Shohmansur Shohmirzo // https://merosikhatti.tj/tj/dobavit-statya/shokhnoma-i-firdavsi-az-didgokhi- -gafurov*
18. *Abulqasim Firdawsi. Shah-name: Selected Poems. - Stalinabad-Leningrad: Tajik State Publishing House, 1938. - 184 pp.*